***“Комсомоли Тоҷикистон”*, №59 (5759),**
***19 майи* 1974, *с.* 3.**

**КИТОБ ВА ВА ХОНАНДА**

## Гулхандаи сафобахш

Шоир Ҳайдаршо ба китоби нави шеърҳои худ номи бисьёр мувофиқ “Гулхандаи замин”-ро гузоштааст. Як қисми шеърҳои ин китоб дар васфи Замин гуфта шудаанд, дар тавсифи Замине, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, муттасил дар меҳнату андешаи он ҳастем, ки ин Замини нозанин обод бошаду шукуфон ва доғе дар рӯи он намонаду ҷароҳате асло пайдо нашавад.

Шоир мегӯяд:

*Нақши пои ҳазрати инсон бубин,*
*Ки ба рӯи моҳи тобон нақш ёфт.*
*Раҳ ба сӯи моҳ аз рӯи замин*
*Зодаи одам ҳазорон аср кофт.*
*Роҳи одам аз замин то Офтоб*
*Кашф шуд ҳамчун давоми инқилоб.*

Домани мавзуъҳои ашъори Ҳайдаршо мисли тобишҳои рангоранги рӯзгори мардуми мо фароху ғанӣ аст. Илҳоми шоирро ҳам Ватани азизи мо, ҳам табиати сеҳрангези кишварамон, ҳам меҳнати буньёдгари одамони советӣ, ҳам ҳусну хулқи олам̄панохи духтари тоҷик, ҳам меҳри бемислу бебадали модари меҳрубон ба ҷӯш оварда, боиси тавлиди шеърҳои нағзу фараҳбахш гардидааст.

Бо мамнуният бояд таъкид кард, ки шеърҳои Ҳайдаршо аз ғояҳои олии рӯҳбахши ватанпарварона, инсондӯстона ва интернационализми пролетарӣ саршор мебошанд. Хонанда “Гулхандаи замин”-ро бо шавқу завқи том мутолиа мекунад, ба

туфайли шеърҳои ин китоб ба эҷодиёти шоир, ба каломи бадеӣ дилбастагие пайдо менамояд.

Шеърҳои Ҳайдаршо чи мазмунан ва чи шаклан ҷолиби диққатанд. Шоир агар, аз як тараф, дар хусуси мазмунҳои хуби ҳаётӣ шеър гуфта, онро бо ғояҳои оптимистона шодоб гардонад, аз тарафи дигар, воситаҳои муносиби шаклиро ҷустуҷӯ менамояд, матлаби худро тавассути образҳои дилкаши шеърӣ ва калимаву таъбирҳои созгор ифода мекунад. Ҳамаи шеърҳои китоби мазкур конкретанд, дар ҳамаи онҳо ақаллан як образи шеърӣ мавҷуд аст.

“Гулхандаи замин” шаҳодат медиҳад, ки соҳиби он ҳамчун шоири комил мувофиқи мавзуи даркорӣ ва мавзуи бофтаи худ жанри даркории лирикиро интихоб карда ва аз санъатҳои бадеӣ дар ҷои худ фоида бурда метавонад. Шоир чи дар жанрҳои анъанавии мисли ғазал, рубоӣ ва монанди инҳо, чи навъҳои маъмули замони мо, ҳамчун шаклҳои гуногуни мусаммату тарҷеот шеърҳои дилкаш гуфтааст. Барои мисол шеъри «Пайки баҳс»-ро номбар кардан мумкин аст. Ин шеър дар жанри маснавӣ гуфта шуда, дар он навъи санъати саҷъ моҳирона истифода гардидааст, ки дар натиҷа шеър ба суруд табдил ёфтааст, чунончи:

*Дар рӯзи навбаҳор,*
*Наврӯзи сабзазор*
*Аз ҳар маҳаллаву гузару кӯи ин диёр*
*Дар нозу дар хиром,*
*Бо ишвае тамом*
*Зеборухони тоза ба сад рангу сад мақом.*
*Бар мо назар кунанд.*
*В-онгаҳ гузар кунанд,*
*Бо як нигоҳ дидаву дил пуршарар кунанд...*

Ҳамин ҳолат дар шеъри “Модари нобино” низ мушоҳида карда мешавад, аммо тафовут аст, ки ин шеър маснавӣ набуда, балки дар жанри мусамммати мусалласи нав гуфта шудааст.

Кайфияти сохти ин шеър чунин аст, ки мисраи аввал ба туфайли саҷъ ба ду мисраи хушоҳанги қофиядор табдил меёбад ва хонанда баъди фароғат аз он бо ду мисраи комил дучор меояд. Ба сабаби тақсими мисраъ ба ду пора гӯё ду мисраи мустақили сабуквазн ҳосил мешаваду пас мисраъҳои дарозвазн меоянд, ки дар натиҷа гӯё вазн тағъир меёбад ва ба туфайли он диққати хонанда ба матлаби шоир бештару беҳтар мутаваҷҷеҳ мегардад, Масалан:

*Зане пеши назар мерафт.*
*Ду тифлаш пеши бар мерафт,*
*Миёни кӯчаи сарсабз бенури басар мерафт*
*Ба рӯи даҳр бо чашми дилаш карда назар мерафт ...*

Аз мутолиаи шеърҳои маҷмуаи “Гулхандаи замин” як ҳодисаи диққатангези шаклиро мушоҳида накардан мумкин нест. Дар қисмати якуми маҷмуа - “Зиндагӣ ҷӯи равон аст ...”, ки он бештар аз нисфи китобро фаро гирифтааст, 128 қитъа оварда шудааст. Аммо қитъаҳои Ҳайдаршо аз жанри маъмулии лирикии тоҷик аз якчанд ҷиҳат фарқ мекунанд, чунончи, ҳамаи онҳо шашмисраъгӣ буда, дар як вазн - баҳри рамали мусаддаси маҳзуф гуфта шудаанд. Дар аксари кулли ин шеърҳо мисраъҳои панҷуму шашум қофияи алоҳида доранд; мисраъҳои якуму сеюм мисли мисли қитъаҳои анъанавӣ аз қофия озоданд. Ҳамагӣ дар якчанд қитъаи Ҳайдаршо мисраи якум ҳам дар қофия омадааст. Бояд гуфт, ки шоир дар такмили жанри мазкури шеъри тоҷик суботкорона қадам ниҳодааст ва ба фикри мо, муваффақият ҳам ба даст овардааст.

Дар маҷмуаи нави Ҳайдаршо шеъре дучор намеояд, ки он аз ҷиҳати ғоя суст ва ё мазмунан ғалат бошад. Аммо хонанда бо баъзе образҳои нопурра, байту мисраъҳои хира, калимаю таъбирҳои норавон дучор меояд. Масалан, дар порчаи зерин “ҳар чӣ” боиси торикии мазмун гардидааст, агар он ба “гарчи” бадал карда мешуд, ба фикри мо, маънӣ пурра мегашт:

*Дастаи гулро зи садбарги таре*
*Меканӣ бар хонаат меоварӣ.*
*Оқибат пажмурда гардад, хам шавад,*
*Ҳар чӣ онро бо муҳаббат парварӣ.*

Шоир дар образе ҷӯйро дар баҳорон хушк мешавад, гуфтааст, ки ба ҳақиқати воқеӣ пурра рост намеояд (ҳамчунин ниҳоди образ ҳам хунук менамояд):

*Дар баҳорон мисли ҷӯи хушкоб*
*Хушк шуд чашмони ту, эй модарам.*

Дар мисраи дуюми байти зайл образи қобили қабул мавҷуд аст, аммо он дуруст баён нашудааст:

*Бо ту қалбам оташи сӯзон шавад.*
*Бе ту ҳамчун [!] сард, ки яхдон шавад.*

Хушбахтона, ин навъ нуқсонҳо, ки онҳо ҷузъӣ ва ислоҳпазиранд, дар “Гулхандаи замин” зиёд нестанд.

Бешубҳа, маҷмуаи нави Ҳайдаршо аз комьёбиҳои тозаи шоири боистеъдод шаҳодат медиҳад ва хонандагонаш ба ӯ барорҳои нав орзу мекунанд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илми филология.**